4. Miyamae, T. Invasion of avian encephalomyelitis virus from the gastrointestinal tract to the central nervous system in young chickens / T. Miyamae // Am. J. Vet. Res., 1983. – Vol. 44. – P. 508-510.
5. Дмитриева М.Е. Рекомендации по диагностике и профилактике инфекционного энцефаломиелита птиц (НЭП) / Дмитриева М.Е., Джавадов Э.Д., Соколова Л.Н). - СПб., 2005. – 36 с.

6. Коровин, Р.Н. Справочник ветеринарного врача птицеводческого предприятия / под ред. Р.Н. Коровина. – СПб., 1995. Т.1. – 160 с.

ҶУДОКУНИИ ЭНСЕФАЛОМИЕЛИТИ ВИРУСИИ БЕДОНАҲО

Дар мақола муаллифон оид ба рафти ҷудо намудани штамми энсефаломиелити сироятӣ аз мағзи сар ва сутунмӯҳраи бедонаҳои бемор барои тайёр намудани ваксина ва пешгирии вируси бедонаҳо инъикос ёфтааст.

КАЛИДВОЖАҲО: ихтироот, бойторӣ, вирусология, вирус, энсефаломиелит, бедона, маҳлул, зардоб.

ВЫДЕЛЕНИЕ ВИРУСА ЭНСЕФАЛОМИЕЛИТА ПЕРЕПЁЛОК

В статье авторы отражают процесс выделения штаммов инфекционного энсефаломиелита от головного мозга и позвоночника больных перепелок для приготовления вакцины и профилактики вирусов перепелок.

КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА: изобретения, ветеренария, вирусология, вирус, энсефаломиелит, перепелка, раствор, плазма.

THE ISOLATION OF THE VIRUS OF ENCEPHALOMYELITIS QUAIL

In the article, the authors reflect the process of isolation of strains of infectious encephalomyelitis from the brain and spine of sick quails for the preparation of vaccines and prevention measures of quail viruses.

KEY WORDS: inventions, veterinary science, Virology, virus, encephalomyelitis, quail, solution, plasma.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРАХ: Шарипов М.А., Институт зооветеренарии ТАСХ.
Салимов Т.М., Институт зооветеренарии ТАСХ.
Мирзоев Д.М., Институт зооветеренарии ТАСХ.

THE MODEL OF WATER-ENERGY MARKET RELATIONS IN CENTRAL ASIA

Khristoforov A.V.
Moscow State University

INTRODUCTION

The present and expecting in future problems of the division, economically effective and ecologically secure utilization of water resources, which are formed in the mountains of Pamir, Tyanshyan and Ghindukush, determine Central Asia as a region with particular features in water relations. According to this, Central Asia must include northern part of Afghanistan, north-western part of China, southern part of Kazakhstan and the whole territories of Kirghizstan, Tajikistan, Turkmenistan and Uzbekistan. Water problems of this region are very actual and difficult and include political, economic and social aspects. The word experience demonstrates that successful solution of such problems can be based on the regional water-energy regional market. For the scientific substantiation of political and economic relations between different countries and regions of Central Asia the theoretical model of optimal division, economically effective and ecologically secure utilization of water resources is offered.

RESULTS AND DISCUSSION

The model is based on the principles of the market economy. The main instrument of the model is a total economic effect of water recourse utilization as a function of quantity and quality of water, which is used during a calculation period. Such functions must be determined not only for every country, but for their regions and districts too.

Every country, region or district is considered to be a participant of the market and can buy or sell some part of quote for the water utilization and pollution. The territory of ecological catastrophe near Aral Sea must be considered as an independent participant of water market.

The most important parameters of water resource management are the discharges and volumes of the minimum and maximum of ecologically and economically secure river flow. They must give the possibility to save ecological systems and population and guarantee every market participant from the ecological or economical catastrophes, caused by water deficit or excess. These parameters must be determined for different seasons and for all rivers and their sections and accepted by all participants as official limits for river flow. These limits determine the quotes for water regulation and utilization. The officially accepted limits for the concentration of different water quality elements and specific of their transformation in time and space determine the quotes for water pollution.

The working regime of reservoirs and water- energy power stations must be corresponded to the official upper and lower limits for river flow. The optimal variant of compromise regime of reservoirs for energy and water providing must depend upon climatic and hydrologic characteristics of previous, present and future seasons and can be determined on the base of market economy principles and methods of mathematics.

In order to overcome the difficulties of direct consideration of economic and ecological consequences of water pollution and worsening of its quality, the simplified method is offered in the model. Water pollution is considered to be a specific variant of water utilization, which is equal to the withdrawal of compensating volume of water. This volume must be enough to dilute the pollution and guarantee the limits for all water quality elements according to the quotes for water pollution and must be added to the general volume of water utilization by the partner, who created the pollution. Such partner of water-energy market must reduce the other items of his water utilization or buy the part of quotes for water utilization and pollution of the other partners.

The market prices for water protection, regulation, transportation and supply cannot be constant. They will depend upon the changes in economy, demography, ecology, climate and dynamic of water resources. These prices can determine the economically effective expenses for the development of the systems of water utilization and technology of its cleaning in agriculture and industry, for water resource management, for ecological monitoring and protection.

CONCLUSION

The model of market relations can determine the optimum strategy for the water resource management in Central Asia. The successful realization of this model can give an opportunity for the improvement of the political situation and for economically effective and ecologically secure utilization of water recourses in Central Asia. This realization is possible only on the base of transnational organization like International Water-Energy Consortium of Central Asia, the creation of which was recommended by experts of United Nations Organization.

REFERENC:

1. Averina L.A., Sorokin A.G. The technical - economical substantiation of International Water-Energy-Fuel Consortium of Central Asia. – Tashkent, 2000.
2. Asanbekov A.T., Mamatkanov D.M. Shavva K.I., Shapar A.K. The economy mechanism of trans-border water resource management and the main principles of

international water division. – Bishkek, 2000.
3. Dukhovni V.A., Sokolov V. l. The complex management of water resources in Aral Sea Basin. – Tashkent, 2000.
4. Diagnostic UNO report «Rational and effective utilization of water resources in Central Asia». – Tashkent-Bishkek, 2001.

МОДЕЛИ МУНОСИБАТҲОИ БОЗОРИИ ОБӢ-ЭНЕРГЕТИКӢ ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ

Дар ин мақола модели муносибатҳои бозорие тавсиф гардидааст, ки метавонад шароитҳои нисбатан мусоидро барои танзими захираҳои обӣ дар Осиёи Марказӣ фароҳам оварад. Муаллиф ҳамчунин стратегияи модели таҳиякардаи худро пешниҳод мекунад, ки дар шароити татбиқ гардидани он вазъи сиёсӣ дар минтақа ба эътидол хоҳад омад. Дар мақола инчунин истифодаи самараноку сарфакоронаи захираҳои обии Осиёи Марказӣ таъкид гардидааст.

КАЛИДВОЖАҲО: модел, муносибатҳои бозорӣ, Осиёи Марказӣ, татбиқ, захираҳои обӣ, истифодаи самаранок, имконият, танзим.

МОДЕЛЬ ВОДНЫХ-ЭНЕРГЕТИЧЕСКИХ РЫНОЧНЫХ ОТНОШЕНИЙ В ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ

В данной статье рассматривается модель рыночных отношений, которые могут определить наиболее благоприятные условия для регулирования водных ресурсов в Центральной Азии. Автор предлагает стратегию своей модели, которая дает возможность улучшмть политическую ситуацию в регионе после ее успешной реализации. В статье также напоминается об эффективном и экономическом использовании водных ресурсов в Уентральной Азии.

КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА: модель, рыночные отношения, условия, Центральная Азия, реализация, водные ресурсы, эффективное использование, возможность, регулирование.

THE MODEL OF WATER-ENERGY MARKET RELATIONS IN CENTRAL ASIA

This article considers the model of market relations, which can define the optimum conditions for rational management of water resources in Central Asia. The autor offers the strategy of his own model. Which gives opportunity to imprjve the pokitical conditions in the region. After its successful realization. The article also reminds about effective and econjmic use of water resources in Central Asia.

KEY WORDS: model, marker relations, conditions, water, resources, effective use, opportunity, management.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: Христофоров Анатолий Владиславович, кандидат физико-математических наук, доцент, МГУ.

АҲАМИЯТИ ЗАХИРАҲОИ ОБ ВА НИГОҲДОРИИ ОН ДАР ТАБИАТ

Ҳисайнов Д., Исуфов Д.С, Холов С.А.
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

Зи ҷӯе, ки аз он хӯрдӣ оби пок,
Нашояд фикандан дар ӯ сангу хок.
Аттор

Таркиби табиати зинда ва ғайризиндаро дар рӯи замин бе об аз пайдоиши он тасаввур намудан ғайриимкон аст. Бинобар ин, аз давраҳои хеле қадим аҳли

уламои илмҳои гуногун, файласуфон ва олимони табиатшинос ба об ва хосиятҳои он таваҷҷуҳи зиёд зоҳир намуда буданд.

Олимони шарқи қадим обро ҳамчун сарчашмаи асосии ҳамаи мавҷудоти зинда мепиндоштанд. Ин ақидаро файласуфони Юнони қадим Фалес, Милет, Арасту ва Эмпедокл (асри VI то солшумории мо) эътироф карда буданд. Ба қавли онҳо об ибтидои ҳамаи организмҳои зинда ба шумор меравад [2, с. 4-5].

Бори аввал соли 1770 химики фаронсавӣ Лавуазе аз оксиген ва гидроген таркиб ёфтани обро исбот намуд. Дар байни динҳои гуногун ба об ҳамчун рӯҳи «тоза», «нек», ки ба одам саломатӣ мебахшад, аҳамияти махсус дода мешуд. Дар китоби муқаддаси дини Зардуштӣ «Авесто» об ва оташ маводи асосии тоза намудани инсон, ҳаёт ва табиат ба шумор меравад [6, с. 45-50].

Бинобар ин, ифлос намудани об дар ин асари бузург гуноҳи азимтарин нишон дода шудааст. Дар китоби Қуръони Маҷид низ ба об ва сарфакории он диққати калон дода шудааст. Аз ин лиҳоз, дар тафаккур ва расму оини халқи тоҷик дар давоми ҳазорсолаҳо, муносибати сарфакорона нисбат ба об ҳамчун муқаддасоти илоҳӣ давом карда истодааст [6, с. 52].

Қайд намудан ҷоиз аст, ки як қатор мутафаккирони барҷастаи асрҳои миёнаи халқи тоҷик, ба монанди Абӯнасри Форобӣ, Закариёи Розӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Абӯрайҳони Берунӣ, Носири Хусрав ва дигарон дар омӯзиши хосиятҳо, истифодабарӣ ва ҳифзи об ҳиссаи арзандаи худро гузошта буданд. Абӯбакр Муҳаммад ибни Закариёи Розӣ бори аввал оби қатронӣ (дистиллатсионӣ)-ро ҳосил намуда, истифодаи онро дар тайёр намудани малҳамҳо пешниҳод намуда буд. Бузургтарин мутафаккири форсу тоҷик Абӯалӣ ибни Сино натиҷаи таҳқиқот ва мушоҳидаҳои худро нисбат ба об, хосиятҳо, истифодабарӣ ва ҳифзи онро дар асарҳои ҷовидонаи худ «Қонуни тиб», «Донишнома», «Китоб–уш-шифо» ва ғайра гирд овардааст [3, с. 127].

Об ҳамчун моддаи асрорангези табиӣ дар тамоми рӯи замин васеъ паҳн шудааст. Зиёда аз 71 % масоҳати рӯи замин бо об пӯшида шудааст. Хушкӣ бошад, аз чор як ҳиссаи сатҳи заминро ташкил мекунад. Қисми зиёди оби рӯи замин дар уқёнусҳо захира шудааст. Яъне оби уқёнусҳо 98% оби рӯи заминро ташкил мекунад. Аз ин маълум мешавад, ки фақат 2,5-3 фоизи оби рӯи кураи замин ба оби ширин рост меояд, ки он асосан дар пиряхҳои Гренландия, Антарктида ва баландкӯҳҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон захира шудааст [5].

Бояд гуфт, ки дар рӯи кураи замин об доимо дар гардиш аст ва дар як мӯҳлати муайян барқарор ва иваз мешавад. Муайян карда шудааст, ки гардиши умумии об дар рӯи замин дар як сол ба 483 ҳазор км^3 баробар аст. Оби атмосферӣ дар муддати 10 шабонарӯз, оби дарёҳо дар 12 шабонарӯз, уқёнусҳо дар 3 ҳазор сол, оби зеризаминӣ дар 5 ҳазор сол ва пиряхҳо бошад, дар 8 ҳазор сол иваз мешаванд [1, с. 155].

Аз рӯи маълумоти олими фаронсавӣ Р. Юрон, дар рӯи замин фақат 20 ҳазор км^3 оби ширин боқӣ мондааст, ки он аз тарафи инсон ҳамарӯза босуръат истифода бурда шуда истодааст. Бинобар ин, инсон аз соли 2000-ум сар карда аз оби тоза танқисӣ мекашад ва ба истифодаи оби баҳрҳо оғоз намудааст. Дар асоси маълумоти мутахассисон соли 2005 барои таъмини аҳолии рӯи замин бо оби ошомиданӣ аз манбаҳои захираҳои оби тоза бояд 7 ҳазор км^3 об истифода шавад, лекин захираҳои обҳои равон дар сарчашмаҳои худ фақат 6 ҳазор км^3 - ро ташкил медиҳад. Аз гуфтаҳои боло маълум мешавад, ки дар оянда ба халқҳои гуногуни

бисёр қисматҳои кураи замин хатари нарасидани оби ошомиданӣ таҳдид мекунад. Ин хатар бисёртар дар мамлакатҳои қитъаи Африқо бештар мушоҳида мешавад. Дар ин давлатҳо арзиши оби ошомиданӣ аз нафту газ дида пурқиммат мебошад. Масалан, барои харидорӣ намудани 1 литр оби тоза беш аз 5 долари амрикоӣ сарф менамоянд, ки ин бениҳоят арзиши баланд мебошад, дар сурате, ки барои як одам дар як шабонарӯз тақрибан 3-5 литр об танҳо барои истеъмол лозим мебошад [4, с. 222].

Тоҷикистон дар сарчашмаи захираҳои обии Осиёи Марказӣ ҷойгир шудааст ва соҳиби захираи хеле калони оби ширин мебошад. Яъне 60 % оби тозаи Осиёи Марказӣ дар ҳудуди ҷумҳурии мо ҷойгир шудааст. Аз қаламрави Тоҷикистон дар як сол 72 км^3 оби равон ҷорӣ мешавад. Лекин ба ин нигоҳ накарда фоҷиаи баҳри Арал ба миён омад, бадшавии вазъи экологии Осиёи Марказӣ, пастшавии сифати оби ошомиданӣ ва паҳншавии бемориҳои гуногуни сирояткунанда мушоҳида карда шуд.

Бинобар ин, бо иқдоми неки пешгирифтаи сарвари давлатамон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон эълон гардидани «Соли 2003 – Соли байналмилалии оби тоза» ва дар форуми 3-юми байналмилалии об дар шаҳри Киотои Япония бо ташаббуси роҳбари кишварамон оид ба эълони 10-солагии оби тоза, аз соли 2005 то соли 2015, ки аз тарафи кулли иштирокчиёни форум дастгирӣ карда шуд, аз сиёсати дурусти давлати тоҷикон ва огоҳ будан аз проблемаҳои гуногуни экологӣ, хусусан норасоии оби тоза дар ҷомеаи ҷаҳони муосир гувоҳӣ медиҳад. Дар ҳақиқат оби ширин хеле кам мебошад ва он дар рӯи замин нобаробар тақсим шудааст. Лекин ба ин нигоҳ накарда дар тамоми дунё камшавӣ ва ифлосшавии обҳои равон босуръат давом карда истодааст. Бинобар ин, ҳалли проблемаи оби ширин, тоза нигоҳ доштан ва сарфакорона истифода бурдани ин сарвати бебаҳои табиӣ аз ҷониби ҳар як фарди тамоми ҷомеаи имрӯза вобаста мебошад.

Тағйирёбии глобалии иқлим ва таъсири манфии он ба захираҳои об, кам шудани масоҳати пиряхҳо, афзоиш ёфтани офатҳои табиӣ аз қабили обхезӣ, фаромадани тармаву ярч, омадани сел ва ғайра аз мушкилоте мебошад, ки тайи солҳои охир боиси ташвиши ҷомеаи ҷаҳон гардида, бевосита дар рушди иқтисодии кишварҳо монеа эҷод сохтаанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои захираҳои зиёди обӣ мебошад. Тибқи иттилои вазорати энергетика ва захираҳои об дар ҷумҳурӣ 947 дарёҳои хурду бузург мавҷуд аст. Шумораи пиряхҳои кишвар 13 ҳазор ададро ташкил медиҳад, ки аз онҳо ҳар сол дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон 64 млрд. мукааб метр оби тоза тавлид меёбад [7, с. 725].

Ҳалли мушкилоту масъалаҳои марбут ба об, энергетика, тағйирёбии иқлим ва таъмини рушди устувор дар заминаи мавҷуд будани об ба даст меояд. Об муҳимтарин заминаи ташаккулёбии саноат, иҷтимоиёт, пешрафти тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ ва некуаҳволии мардум ба шумор меравад.

Имрӯз дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳудуди 900 млн. нафар аз норасоии оби нӯшокӣ танқисӣ мекашанд. Гуфта мешавад, ки ҳар сол дар олам бо сабаби норасоии оби тозаи нӯшокӣ 1 млрд. 400 ҳазор нафар азият кашида, ҳар дақиқа як кӯдаки навзод ба ҳалокат мерасад. Мувофиқи маълумоти СММ то соли 2050-ум дар дунё шумораи нафароне, ки аз норасоии оби тозаи ошомиданӣ танқисӣ мекашанд, беш аз 5,5 млрд. хоҳад расид.

Ҳамасола аз шумораи умумии аҳолии сайёра бо сабаби норасоии об наздики 3,5 млн. нафар вафот мекунад. Аз шаш як ҳиссаи аҳолии ҷаҳон ба маҳсулоти ғизоӣ дастрасӣ надоранд ва то соли 2030 тақрибан 47 фоизи аҳолии ҷаҳон дар минтақаҳое, ки фишори шадиди нарасидани об эҳсос мегардад, зиндагӣ хоҳад кард. Аз ин рӯ, сафарбарсозии омилҳои муштарак дар самти ҳифзи захираҳои оби тозаи ошомиданӣ, истифодаи самараноки захираҳои обӣ дар замони кунунӣ аз масъалаҳое ба шумор мераванд, ки дар ин самт ҳамкорию ҳамгироии якҷояи давлатҳо зарур аст. Ҷониби Тоҷикистон дар ҳалли масъалаҳои марбут ба об бетараф нест ва дар ин самт пайваста талош меварзад. Бо назардошти ин ва пешгирӣ аз боз ҳам доман густурдани мушкилоти мардум ба об Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон даҳсолаи навро вобаста ба об ба СММ пешниҳод намуданд ва он аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ дастгирӣ ёфт. Дар асоси қатъномаи СММ моҳи марти соли 2018 10-солаи байналмилалии «Амал об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» оғоз шуд.

Оғози расмии 4-уми ҷониби Тоҷикистон бо даъвати раиси маҷмааи умумии СММ ва иштироки шахсони воломақом дар рӯзи ҷаҳонии об 22-уми марти соли 2018 дар қароргоҳи СММ дар доираи чорабинии махсуси сатҳи баланд баргузор гардид. Чаро об барои рушди устувор? Соли 2015 маҷмааи умумии СММ барномаи рушди устуворро қабул намуд, ки он 17 ҳадафро дар бар гирифта, соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ, экологӣ ва баланд бардоштани некуаҳволии сокинони сайёраро дар бар мегирад.

Ҳадафи шашум, ки мақоми калидӣ дорад, об барои рушди устувор ном дорад. Барои тадбиқ намудани ҳадафи шашум дар ин замина пешниҳоди навбатии Тоҷикистон 10-солаи байналмилалии «Амал об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» ном гирифтааст. Чаро 10-солаи оянда об барои рушди устувор ном гирифтааст? Имрӯзҳо тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ бе об пеш рафта наметавонанд.

Қатъномаи байналмилалии 10-солаи «Амал об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» бо ташаббуси бевоситаи роҳбарияти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардидааст ва дар татбиқи он низ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешсаф аст.

АДАБИЁТ:

1. Эйзенберг, Д. Структура и свойства воды / Эйзенберг Д. – Санкт-Петербург, 2012. – 284 с.
2. Давлатов, А.С. Асосҳои экология / А.С. Давлатов. – Душанбе: Матбуот, 2005. – 415 с.
3. Криксунов, Е.А., Пасечник, В.В., Сидорин, А.П. Экология / Криксунов Е.А., Пасечник В.В., Сидорин А.П. – М.: Дрофа, 1995. – 240 с.
4. Забиров Розиқбек. Экология. – Душанбе: Эр-граф, 2013. – 479 с.
5. Богданов, К. Вода внутри нас / Богданов К. // Журнал КВАНТ, 2003. – №2.
6. Чернова Н.М., Былова А.М. Общая экология / Чернова Н.М., Былова А.М. // Высшее педагогическое образование. Изд.: Дрофа, 2004. – 416 с.
7. Рассадкин, Ю.П. Вода обыкновенная и необыкновенная / Рассадкин Ю.П. – Санкт-Петербург: Галерея СТО, 2008. – 840 с.

АҲАМИЯТИ ЗАХИРАҲОИ ОБ ВА НИГОҲДОРИИ ОН ДАР ТАБИАТ

Дар мақолаи зерин масъалаҳои кушод доир ба хосияти об, нақши об дар ҳаёти организмҳои зинда, инчунин 10-солаи байналмилалии «Амал об барои рушди устувор,

солҳои 2018-2028», оғози расмии 4-ум дар рӯзи ҷаҳонии об ва гурӯҳҳои экологии тағйирёбии глобалии иқлим ва таъсири манфии он ба захираҳои об, кам шудани масоҳати пиряхҳо, афзоиш ёфтани офатҳои табиӣ, аз қабили обхезӣ, фаромадани тармаву ярч ва растанию ҳайвонҳое, ки вобаста ба мутобиқати намнокии муҳити зист тақсим шудаанд, оварда шудааст. Ҳамаи далелҳои дар мақола овардашуда собит менамоянд, ки аҳамияти об дар ҳаёти организмҳо ва муҳофизати он муҳим ва ҳатмист, чунки бе об ҳаёт вуҷуд дошта наметавонад.

КАЛИДВОЖАҲО: омил, захира, иқлим, атмосфера, гидроген, оксиген.

ЗНАЧЕНИЕ ВОДНЫХ РЕСУРСОВ И ИХ ХРАНЕНИЯ В ПРИРОДЕ

В данной статье рассматриваются такие проблемы, как открытие задачи, касающиеся свойства воды, роль воды в жизни живых организмов, 10-летие международной «Международной инициативы, вода для устойчивого развития 2018-2028 годҷ», изменение климата и отрицательное влияние его на водные ресурсы, объём ледников, увеличения стихийных бедствий и других. Все факты, приведённые в статье, доказывают, что вода в жизни живых организмов играет основную роль и их защита является важным, потому что без воды не может быть жизни.

КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА: фактор, ресурсы, климат, атмосфера, гидроген, кислород.

THE IMPORTANCE OF WATER RESOURCES AND THEIR KEEPING IN THE NATURE

The following article decides an overview of the role of water in the life of living organisms, as well as the 10 th Anniversary of tne «Water for Sustainable Development in 2018-2028», the official launch of the 4 th World Water Day and the Global Environmental Impact Assessment and its negative impact to water resources, reduced glacier, increased natural disasters, such as floods, depletion of landslides, landslides, and animal and plant-related animals, which are attributed to the humidity content of the environment.

All the facts in the article prove that the importance of water in living creatures and protection is important and necessary, because the life cannot exist without water.

KEY WORDS: factor, resource, climate, atmosphere, hydrogen, oxygen

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРАХ: Хисайнов Д., ст. преподаватель кафедры химии и биологии КГУ имени Абуабдуллох Рудаки. Тел.: (992) 987-89-89-16.

Исуфов Д., ст. преподаватель кафедры химии и биология КГУ имени Абуабдуллох Рудаки. Тел.: (992) 918-74-74-60.

Холов С., ассистент кафедры химии и биологии КГУ имени Абуабдуллох Рудаки.

ИСТИФОДАБАРИИ САМАРАНОКИ ОБ ДАР СОҲАҲОИ ХОҶАГИИ ХАЛҚ

Ҳайдаров А.М., Бобоев Ҳ.Б., Зоиров Ф.Б., Салимова П.Т.
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ

Дар замони ҳозира масъалаи самаранок истифодабарии об дар соҳаҳои хоҷагии халқ яке аз масъалаҳои муҳимтарин ба ҳисоб меравад. Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз аввалин давлатҳое мебошад, ки чӣ дар сатҳи минтақавӣ ва чӣ дар сатҳи байналмилалӣ барои самаранок истифодабарии об ва бартараф намудани проблемаҳои гидроэкологӣ ташаббусҳои зиёд нишон додааст.

Бо суръати баланд афзоиш ёфтани аҳолӣ сабаби рушди васеи соҳаҳои хоҷагии халқ, аз ҷумла кишоварзӣ, саноат шуда, натиҷаи ин рушд яке аз омилҳои ифлосшавии оби дарёҳо, ҳолатҳои бо партовҳои саноатӣ ифлос шудани оби дарёҳо мегардад. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар олам 5-умин давлатест, ки вобаста ба

ҳамагуна шакли истифодаи об ба ин неъмати бебаҳо дастрасӣ дорад. Бинобар ин, дар Тоҷикистон се конфронси байналмилалӣ бахшида ба масъалаҳои об барпо гардид. Дар ин конфронсҳо олимони соҳа оид ба тарзи дурусти истифодабарии самараноки об дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ ибрози андеша намуданд.

Солҳои охир проблемаи таъминоти аҳолӣ бо оби нӯшокӣ на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар дигар кишварҳои олам масъалаи муҳим гаштааст. Ин, пеш аз ҳама, диққати олимон ва мутахассисони соҳаи ҳифзи муҳити зистро беш аз пеш ҷалб кардааст. Яке аз сабабҳои асосии норасоии оби нӯшокӣ, тағйир ёфтани иқлим дар сайёраи Замин аст. Пиряхҳое, ки дар қуллаҳои кӯҳу қаторкӯҳҳо мехобиданд, тадричан об шуда истодаанд. Моҳияти нарасидани оби нӯшокӣ торафт бештар ҳис мегардад, ки ин на аз камии захираҳои об, балки аз тақсимоти нобаробари захираҳои обист. Тоҷикистон, ки сарзамини кӯҳсор аст, манбаи захираҳои оби дарёҳои кӯҳӣ дар Осиёи Марказӣ мебошад. Аз ин хотир проблемаи ҳифзи оби нӯшокӣ, сарфаи он ба амал омадааст.

Вазъияти экологиро танҳо бо дастҷамъӣ ва камоли кордонӣ ба эътидол овардан мумкин аст. Барои ин маърифати экологиро дар байни аҳолӣ баланд бардоштан ва тарзи дурусти корбурд бо табиат ва захираҳои онро ба манфиати минтақа равона бояд сохт.

Пиряхҳо ва қуллаҳои барфпӯш дар қаторкӯҳҳои Тоҷикистон манбаъҳои асосии об ба ҳисоб мераванд. Аз ин ҳисоб қариб ҳамаи захираҳои обии дарёҳои Панҷ, Вахш, Қизилсу, Кофарниҳон, Зарафшон, Ванҷ ва ғайраҳо сарчашма мегиранд. Истифодаи нодурусти захираҳои об, аз ҳад зиёд гирифтани моҳӣ, нодуруст истифодабарии конҳои регу шағал аз соҳилҳои дарёҳо сабаби вайроншавии системаи экологӣ мегарданд. Истифодабарандаи аз ҳама зиёди об соҳаи кишоварзӣ мебошад, ки барои рӯёндани 1 тонна гандум 1500 м^3, барои як гектар ҷуворимакказор дар давоми нашъунамо 3000 м^3, ба як гектар карам 8000 м^3 ва барои як гектар шолӣ бошад аз 12000 то 20000 м^3 об сарф мешавад, ки натиҷаи нодуруст ва аз меъёр зиёд истифода шудани он боиси шусташавии заминҳо ва ба шӯразамин табдил ёфтани онҳо мегардад.

Чи хеле ки дар боло қайд кардем, дар давраи ҳозираи инкишофи ҷамъият проблемаи истифода ва муҳофизати захираи об яке аз вазифаҳои муҳимми умумиҷаҳонӣ ба шумор меравад. Аз дигар тараф, кулли проблемаҳое, ки ба ҳифзу самаранок истифода бурдани захираҳои оби тоза вобастагӣ дорад, имрӯз дар миқёси ҷаҳони муосир характери глобалиро мегирад.

Имрӯз инсониятро ду масъала доир ба об: кофӣ набудани оби нӯшокӣ ва бад будани сифати он ба ташвиш гузоштааст.

Партовҳои оби корхонаҳои саноатӣ ба маҳаллаҳои аҳолинишин, хусусан шаҳрҳо ба дарёҳо ва кӯлҳо партофта мешаванд. Дар замони муосир танҳо ба истеҳсоли 1 тонна пӯлод 120 м^3 истифода мешавад.

Ҷадвали 1

Истифодабарии об дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ
(аз рӯи маълумоти Вазорати мелиоратсия ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон)

Соҳаҳо	*Бо ҳисоби млн. м^3 / солона*						
	2000	*2008*	*2010*	*2012*	*2013*	*2014*	*2015*
Ҳамагӣ об барои мақсадҳои гуногун истифода шудааст	*12609*	*8339*	*8562*	*8298*	*8943*	*8844*	*8913*
Аз он ҷумла: кишоварзӣ, хоҷагии ҷангал ва шикор, моҳипарварӣ	*8559*	*6800*	*6905*	*6640*	*6666*	*7231*	*7840*

Аз ҷумла барои обёрӣ дар соҳаи кишоварзӣ	*8459*	*6713*	*6827*	*6527*	*6553*	*6826*	*7264*
Саноати истихроҷ, коркард, истеҳсол ва тақсими неруи барқ, газ, об ва гармӣ	*341*	*319*	*258*	*314*	*328*	*350*	*364*
Аз ҷумла дар соҳаи истеҳсол ва тақсими неруи барқ	*208*	*252*	*251*	*258*	*262*	*230*	*280*
Хоҷагии хонавода	*299*	*241*	*210*	*291*	*298*	*330*	*386*
Дигар намуди фаъолияти иқтисодӣ	*170*	*176*	*209*	*422*	*428*	*430*	*143*

Коркард ва безараргардонии обҳои корхонаҳои саноатӣ натанҳо обҳои табииро аз ифлосшавӣ нигоҳ медоранд, балки дигар бартариҳо низ доранд. Бояд кӯшиш ба харҷ дод, ки истеҳсолоти бепартов дар амал ҳарчи зудтар ба роҳ монда шавад. Ин ба тоза нигоҳ доштани муҳити атроф ва безарар гардонидани оби нӯшокӣ аҳамияти калон дорад.

Хулоса, соҳаҳои кишоварзӣ ва саноат истифодабарандагони аз ҳама зиёди об мебошанд. Истифодаи нодурусти об ва аз меъёр зиёд истифода шудани он дар соҳаи кишоварзӣ боиси шусташавии заминҳо ва ба шӯразамин табдил ёфтани онҳо мегардад. Партовҳои оби корхонаҳои саноатӣ ба маҳаллаҳои аҳолинишин, дарёҳо таъсири манфӣ мерасонад. Барои бартараф намудани ин масъалаҳо корҳои зеринро дар амал татбиқ намудан лозим аст:

- барқароркунӣ ва рушди системаи мониторинги сифат ва шумораи захираҳои обӣ;
- такомули механизмҳои иқтисодии ҳавасмандгардонӣ дар самти ҳифз ва истифодаи меъёрноки захираҳои обӣ;
- коркарди Қонун дар бораи Ассотсиатсияҳои истифодабарандагони об ва механизмҳои татбиқи он;
- барқароркунӣ ва рушди иншооти канализатсионӣ ва тозакунии об дар нуқтаҳои аҳолинишин;
- барқароркунӣ ва сохтмони иншооти нави маҳаллӣ барои тозакунии обҳои заҳбурҳои муассисаҳои саноатӣ;
- ҳавасмандкунии истифодабарандагони об оид ба воридсозии технологияҳои сарфакунандаи об дар саноат, хоҷагиҳои қишлоқ ва коммуналӣ;
- ташкили хизматрасонии таъсирноки аграрӣ дар хоҷагиҳои фермерӣ;
- коркарди Барномаи азхудкунии хоҷагии обии ҳудудҳои кӯҳӣ;
- гузаронидани тренинги омӯзишҳо а) оид ба истифодаи сарфакорона ва ҳифзи захираҳои обӣ ва б) оид ба истифодаи технологияҳои захиракунандаи неруи барқиву обӣ;
- коркарди механизмҳои иқтисоди бозорӣ оид ба ҳавасмандгардонии истифодабарандагони манбаъҳои табиӣ барои чораандешӣ дар самти ҳифз ва истифодаи сарфакоронаи захираҳои обӣ;
- ташкили шароитҳо барои барномаи молиявии устувор оид ба пешгирии ифлосшавии захираҳои обӣ тариқи ташкили хазинаҳои махсус, қарзҳои хурд ва кумаки хоричӣ.

АДАБИЁТ:

1. Ҳифзи муҳити зисти Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмӯаи омории Агентии омории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2013.
2. Ҳифзи муҳити зисти Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмӯаи омории Агентии омории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2015.
3. Масъалаҳои идоракунӣ ва самаранок истифода бурдани захираҳои обии Осиёи Марказӣ / Маҷмӯи мақолаҳои конференсияи илмӣ-амалӣ. – Душанбе, 2010. – С. 133.

ИСТИФОДАБАРИИ САМАРАНОКИ ОБ ДАР СОҲАҲОИ ХОҲАГИИ ХАЛҚ

Дар ин мақола доир ба истифодаи самараноки об дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ: кишоварзӣ, саноати истихроҷ, истифодаи об дар истеҳсолот маълумоти умумӣ ва мушаххас оварда шудааст.

КАЛИДВОЖАҲО: кишоварзӣ, оби нӯшокӣ, вазъияти экологӣ, партовҳои корхонаҳои саноатӣ, маҳаллаҳои аҳолинишин, мониторинг, иқтисоди бозорӣ, барномаи молиявӣ, иншоотҳои обрасонӣ.

ЭФФЕКТИВНОЕ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ВОДЫ В ОТРАСЛЯХ НАРОДНОГО ХОЗЯЙСТВА

В этой статье основное внимание уделяется эффективному использованию воды в различных секторах хозяйства: сельского хозяйства, горнодобывающей промышленности, водопользовании в производстве.

КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА: сельское хозяйство, питьевая вода, экологическая ситуация, отходы промышленных предприятия, населенный пункт, мониторинг, рыночная экономика, финансовая программа, водные сооружения.

EFFICIENT USE OF WATER IN THE SECTORS OF THE NATIONAL ECONOMY

This article focuses on the efficient use of water in various sectors of the economy: agriculture, mining, water use in production.

KEY WORDS: agriculture, drinking water, environmental situation, industrial waste, settlement, monitoring, market economy, financial program, water facilities.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРАХ: Хайдаров Ашрафхон Маъруфхонович, ст. преподаватель кафедры безопасности деятельности человека и экологии ТТУ имени академика М.С. Осими.

Бобоев Хакназар Бобоевич**,** ст. преподаватель кафедры безопасности деятельности человека и экологии ТТУ имени академика М.С. Осими.

Зоиров Фируз Бахронович, ассистент кафедры безопасности деятельности человека и экологии ТТУ имени академика М.С. Осими.

Салимова Парвина Талбаковна, кандидат технических наук, доцент кафедры безопасности деятельности человека и экологии ТТУ имени академика М.С. Осими.

БА ТАВАҶҶУҲИ МУАЛЛИФОН

Маҷаллаи «Паёми Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав» нашрияи Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав ба ҳисоб меравад.

Маҷалла тибқи «Қонун дар бораи матбуот ва воситаҳои ахбори умум» интишор мегардад.

Дар силсилаи илмҳои табиии маҷалла натиҷаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии профессорону омӯзгорони донишгоҳ ва уламои ватаниву хориҷӣ оид ба риёзиёт, физикаю технология, химия ва биология нашр карда мешавад.

Ҳайати таҳририя, ки ба он мутахассисони соҳаҳои илм шомиланд, бо фармони ректори Донишгоҳ тасдиқ карда шудааст.

Маҷалла мақолаҳои илмию назариявиро вобаста ба нусхаи асл ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ ба табъ расонида, соле 4 маротиба нашр мешавад. Маҷалла мақолаҳои илмиро тибқи қарори кафедра қабул менамояд.

Мақолаҳое, ки ба суроғаи маҷаллаи «Паёми Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав» ирсол карда мешаванд, бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошанд:

Дар мақолаҳои илмӣ ҳалли масъалаҳо аниқ ва равшан ифода гардад.

Ҳаҷми мақола якҷоя бо расм, ҷадвал, диаграмма, график ва матни аннотатсия (0,5 саҳ.) набояд аз 10 саҳифаи чопӣ зиёд бошад.

Мақолаҳо бояд дар компютер тибқи барномаи Microsoft Word бо шрифти Times New Roman Tj 14, андозаи А4 ҳуруфчинӣ ва дар диск сабт карда шаванд.

Фосилаи байни сатрҳо 1 см, ҳошия аз тарафи чап 3 см, аз тарафи рост 2 см, аз боло 3 см ва поёни саҳифа 2,5 см-ро ташкил намуда, матни мақола аз тарафи рост саҳифабандӣ карда шавад.

Дар саҳифаи аввал номи мақола, дар сатри дуюм ному насаби муаллиф ва муассисаи корӣ навишта мешавад.

Дар дохили матни асосӣ адабиёти истифодашуда тибқи муқаррарот, бо қавсайни квадратӣ, масалан [1, с. 10] ишора мегардад. Дар поёни матн рӯйхати адабиёти истифодашуда оварда мешавад. Пас аз рӯйхати адабиёт мазмуни мухтасари мақола ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ, ҳамчунин калидвожаҳо ба ин забонҳо (то 10 калима) илова мегардад.

Мақолаҳои илмие, ки ба идораи маҷалла ирсол мешаванд, бояд варақаи экспертӣ, маълумотномаи муаллифӣ ва такризи мутахассисони соҳаро дошта бошанд.

Дар охири мақола ному насаб, ҷои кор, дараҷаву унвони илмӣ, суроғa, рақами телефон, e-mail ва имзои муаллиф ҷой дода мешаванд.

Ҳайати таҳририя ҳуқуқ дорад, ки мақолаҳои илмиро ихтисору ислоҳ намояд ва ё мустақилона барои такризи иловагӣ фиристонад.

Мақолаҳое, ки сатҳи илмии онҳо ҷавобгӯи талабот нест, ба нашр расонида намешаванд.

Аз аспирантон барои нашри мақола маблағ гирифта намешавад.

Дастхати мақолаҳо баргардонида намешаванд.

К СВЕДЕНИЮ АВТОРОВ

В серии естественных наук научного журнала «Вестник Курган-Тюбинского государственного университета имени Носира Хусрава» печатаются статьи, содержащие результаты научных исследований по математическим, физическим, технологическим, химическим и биологическим наукам.

При отправке статьи в редакцию авторам необходимо соблюдать следующие правила:

Объем статьи не должен превышать 10 страниц компьютерного текста, включая текст, таблицы, библиографию, рисунки и тексты аннотаций на русском и английском языках.

Статья должна быть подготовлена в системе Microsoft Word. Одновременно с распечаткой статьи сдается электронная версия статьи. Рукопись должна быть отпечатана на компьютере (гарнитура Times New Roman Tj 14, формат А4, интервал одинарный, поля: верхнее-3 см, нижнее-2,5 см, левое-3 см, правое-2 см), все страницы статьи должны быть пронумерованы.

Сверху страницы по центру листа указывается название статьи, ниже через один интервал инициалы и фамилии автора (авторов). Далее через строку следует основной текст.

Ссылки на цитируемую литературу даются в квадратных скобках, например, [1, с.10]. Список литературы приводится общим списком после основного текста (под заголовком «литература») в порядке упоминания в тексте.

К статье прилагается резюме на русском и английском языках с указанием названия статьи. Текст резюме приводится в конце статьи после списка использованной литературы. В конце резюме приводятся ключевые слова (до 10 слов) на таджиском, русском и английском языках.

Научные статьи, представленные в редакцию журнала, должны иметь экспертное заключение, авторскую справку и отзыв специалистов о возможности опубликования.

В конце статьи приводятся сведения об авторе (авторах) с указанием ученой степени, ученого звания, должности, названия организации, адреса, телефона, e-mail.

Редколлегия оставляет за собой право производить сокращения и редакционные изменения статьи.

Статьи, не отвечающие настоящим требованиям, редколлегией не принимаются.

Плата за опубликование рукописей аспирантов не взимается.

Рукописи не возвращаются.

МУНДАРИҶА

МАТЕМАТИКА *МАТЕМАТИКА*

Хидиров Х.С.
ИССЛЕДОВАНИЕ СИСТЕМЫ ОБЫКНОВЕННЫХ ДИФФЕРЕНЦИАЛЬНЫХ УРАВНЕНИЙ С ДВУМЯ СИНГУЛЯРНЫМИ ТОЧКАМИ, С НАГРУЗКАМИ СВОБОДНЫХ ЧЛЕН И С ДОПОЛНИТЕЛЬНЫМИ УСЛОВИЯМИ, КОГДА ХАРАКТЕРИСТИЧЕСКОЕ УРАВНЕНИЕ ИМЕЕТ РАЗЛИЧНЫЕ КОРНИ…….3

Михайлов Л.Г.
СИНГУЛЯРНЫЕ ДИФФЕРЕНЦИАЛЬНЫЕ УРАВНЕНИЯ И СИНГУЛЯРНЫЙ АНАЛИЗ……...8

Болтаев К.С.
КРАЕВЫЕ ЗАДАЧИ ТИПА ЛИНЕЙНОГО СОПРЯЖЕНИЯ ДЛЯ УРАВНЕНИЯ ТИПА ГЕЛЬМГОЛЬЦА СМЕШАННОГО ТИПА С СИНГУЛЯРНОЙ ЛИНИЕЙ…….11

Исмати М.И.
О КОРРЕКТНОЙ РАЗРЕШИМОСТИ СМЕШАННЫХ ЗАДАЧ ДЛЯ СИСТЕМЫ УРАВНЕНИЙ ЛАМЕ.....15

Бадалов Н.Ш., Зувайдуллоев Ф.З.
НЕЙРОННЫЕ СЕТИ…….....18

ФИЗИКА *ФИЗИКА*

Каримов С. К., Гаффоров С., Баротов Н. И.
ТЕХНОЛОГИЧЕСКИЕ ПРОЦЕССЫ ПОЛУЧЕНИЯ ПОЛУПРОВОДНИКОВЫХ МАТЕРИАЛОВ В КОСМОСЕ…….23

Кадыркулов С.С., Рахматулаев А.З.
МЕРОПРИЯТИЯ ПО СНИЖЕНИЮ ПОТЕРЬ В СЕТЯХ РЭС……..27

Обозов А.Дж., Лаврентьев А.В.
ИЗУЧЕНИЕ ВЛИЯНИЯ СОСТАВА ПОЛУЧЕННОГО БИОГАЗА, ОТ ИСПОЛЬЗУЕМОГО СЫРЬЯ БИОГАЗОВЫХ УСТАНОВКАХ……...32

Аминов Б. А., Раҳимов Б.Н., Аминов Ҷ.Б.
ШУШАБАНДИИ ИДОРАШАВАНДА ДАР КОНТЕЙНЕРИ ЧАРХЗАНАНДА…….36

Хаитов А. А, Назарова Н.С.
ОМИЛҲОИ МУАЙЯНКУНАНДАИ ТАЛАБОТ БА НЕРУИ БАРҚ……38

Белов М.П., Носиров С.И., Зувайдуллоев Ф.З., Бадалов Н.
СИСТЕМА УПРАВЛЕНИЯ ЭЛЕКТРОПРИВОДОМ ПОДАЧИ ФРЕЗЕРНОГО СТАНКА С НЕЙРОННЫМИ СЕТЯМИ……...41

Курбонов А.Н., Факиров Дж.Х., Курбонов Н.
ПРИЛИВНЫЕ ЭЛЕКТРОСТАНЦИИ……46

Хамидов Л.А., Зиявиддинов К.Ф., Фахриддинов Ж.Ф., Шукуров З.Ф.
АДЕФОРМАЦИЯ ПОВЕРХНОСТИ ЗЕМЛИ ВБЛИЗИ НЕКОТОРЫХ ОЧАГОВ ЗЕМЛЕТРЯСЕНИЙ ЗАПАДНОГО ТЯНЬ-ШАНЯ…….50

ХИМИЯ *ХИМИЯ*

Шарифов Э.А., Тагоев М.М., Назаров Ш.Б.
ИССЛЕДОВАНИЕ ПРОЦЕССА РАЗЛОЖЕНИЯ БОРСИЛИКАТНОЙ РУДЫ АК-АРХАРСКОГО МЕСТОРОЖДЕНИЯ……..60

Халимова М.И., Муслимов И.Ш., Джураев Т.Д., Газизова Э.Р., Мирзоев Б.Н.
ПРОГНОЗ И ПОСТРОЕНИЕ ДИАГРАММЫ СОСТОЯНИЯ СИСТЕМЫ Be-Nd……...63

Джураев Т.Д., Газизова Э.Р., Ходжиев Г.К., Тошев М.Т.
ПРОГНОЗИРУЕМЫЙ СТРУКТУРНЫЙ ТИП ЭЛЕМЕНТАРНОГО БОРА……66

Шамсулло Р., Давлатов Д.О., Савзаева Ш.Х., Назаров Ш.Б.
ОПРЕДЕЛЕНИЕ ШЕЛОЧНЫХ МЕТАЛЛОВ ПРИ СОВМЕСТНОЙ ПЕРЕРАБОТКИ АЛЮМО-
И БОРОСИЛИКАТНОГО СЫРЬЯ……...70

Рахимов Ф.К., Махмадуллоев А.Н., Джураев Т.Д.
ОЦЕНКА СТЕПЕНИ ИЗУЧЕННОСТИ ДВОЙНЫХ ДИАГРАММ СОСТОЯНИЙ
С УЧАСТИЕМ ПЛАТИНЫ……..73

Гафуров Б.А.
ТЕРМОДИНАМИЧЕСКИЕ ХАРАКТЕРИСТИКИ ПРОЦЕССА ТЕРМИЧЕСКОГО
РАЗЛОЖЕНИЯ И ИНДИВИДУАЛЬНЫХ БОРОГИДРИДОВ ЭЛЕМЕНТОВ IIA ПОДГРУППЫ……76

БИОЛОГИЯ *БИОЛОГИЯ*

Исмоилова М. А., Камилов Х.Ч.
БАЪЗЕ ҶАНБАҲОИ ИСТИФОДАИ НОКИ ЗАМИНӢ (ТОПИНАМБУР)
ДАР ҒИЗОҲОИ ФУНКСИОНАЛӢ.....81

Шарипов М.А., Салимов Т.М., Мирзоев Д.М.
ҶУДОКУНИИ ЭНСЕФАЛОМИЕЛИТИ ВИРУСИИ БЕДОНАҲО.....83

Khristoforov A.V.
THE MODEL OF WATER-ENERGY MARKET RELATIONS IN CENTRAL ASIA…….86

Ҳисайнов Д., Исуфов.Д.С, Холов С.А.
АҲАМИЯТИ ЗАХИРАҲОИ ОБ ВА НИГОҲДОРИИ ОН ДАР ТАБИАТ……88

Ҳайдаров А. М., Бобоев Ҳ.Б., Зоиров Ф.Б., Салимова П.Т.
ИСТИФОДАБАРИИ САМАРАНОКИ ОБ ДАР СОҲАҲОИ ХОҲАГИИ ХАЛҚ ……92

БА ТАВАҶҶУҲИ МУАЛЛИФОН…….....96

К СВЕДЕНИЮ АВТОРОВ …….....97

Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
таҳти № 0184 мҷ, аз 25 декабри соли 2013 номнавис шудааст.

Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры
Республики Таджикистан за № 0184 мч, от 25 декабря 2013 года.

Масъули чоп: Болтаев М.А.

Муҳаррирон: Тағоймуродов Р.
Гулов А.
Қурбонов Б.

Муҳаррири техникӣ: Тоҳирҷонов Б.Т.

Ответственный редактор: Болтаев М.А.

Редакторы: Тагаймуродов Р.
Гулов А.
Курбонов Б.

Технический редактор: Тохирджонов Б.Т.

Нишонӣ: ДДҚ ба номи Носири Хусрав,
ш. Қӯрғонтеппа, кӯчаи Айнӣ, 67, бинои асосӣ.
Тел.: (8-3222) 3-04-68.

Адрес: КТГУ имени Носира Хусрава,
г. Курган-Тюбе, ул. Айнӣ, 67, главный корпус.
Тел.: (8-3222) 3-04-68.

Ба чоп 30.06. 2017 таҳвил шуд. Чопи офсетӣ.
Андозаи 60х84/16. Ҷузъи чопӣ 6,25.

http://www.ktgu-vestniki.com
e-mail: payomiddq@mail.ru
e-mail: ktgu-vestniki.mail.ru

Маҷалла дар ҶДДМ «Матбаа»-и ш. Қӯрғонтеппа нашр шудааст.
Индекс 77737. Адади нашр 500 нусха.

Журнал отпечатан в ООО «Матбаа» г. Курган-Тюбе.
Индекс 77737. Тираж 500 экз.